Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ. Шоҳтемур, Ҷумҳурии Тоҷикистон 734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146.

ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Абдуалимов Фазлиддин Ҷамолиддинович дар мавзуи «Самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешбинӣ гардидааст.

1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст. Навигарӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои зерини Шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ 1, 3, 4, 5, 7, 10, 29, 49 ва 50 мувофиқат мекунад.

2. Мубрам будани мавзуи диссертатсия. Дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ ва афзоиши талабот ба таъмини амнияти озуқаворӣ, масъалаи фаъолгардонии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлат аҳаммияти махсус касб мекунад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соҳаи кишоварзӣ дар таъмини шуғли аҳолӣ, рушди минтақаҳо ва устувории иҷтимоию иқтисодӣ нақши калидӣ мебозад, ҷалб ва истифодаи самараноки сармоягузорӣ омили муҳимми навсозии истеҳсолот ва баланд бардоштани рақобатпазирии соҳа ба ҳисоб меравад.

Бо вуҷуди иқтидори назарраси табиӣ ва меҳнатӣ, соҳаи кишоварзии кишвар бо як қатор маҳдудиятҳо, аз ҷумла нокифоя будани сармоягузорӣ, фарсудагии базаи моддию техникӣ, дастрасии маҳдуд ба захираҳои молиявӣ ва хавфҳои баланди истеҳсолӣ рӯ ба рӯ мебошад. Дар чунин шароит, такмили механизмҳои маблағгузорӣ, рушди

инфрасохтори бозорӣ ва ҷорӣ намудани абзорҳои муосири молиявӣ ба вазифаҳои мубрами рушди соҳа табдил меёбанд.

Дар таҳқиқоти илмии мазкур масъалаҳои сармоягузорӣ дар кишоварзӣ асосан дар доираи таҳлили манбаъҳо ва ҳаҷми сармоя баррасӣ шудаанд, дар ҳоле ки масъалаи муайян намудани самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузорӣ, таҳияи механизмҳои ҳавасмандгардонӣ ва арзёбии таъсири омилҳои макроиқтисодӣ ва минтақавӣ ба рушди соҳа ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст. Ин холигӣ зарурияти таҳқиқоти илмӣ ва амалиро тақозо менамояд.

Бо дарназардошти нақши соҳаи кишоварзӣ дар рушди минтақаҳо, баланд бардоштани даромади аҳолӣ ва коҳиш додани нобаробарии иҷтимоию иқтисодӣ, таҳқиқи мавзуи самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзии кишвар дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ буда, ба ниёзҳои рушди иқтисоди миллӣ ва вазифаҳои сиёсати аграрии давлат ҷавобгӯ мебошад.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд: Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ Навоварии илмии диссертатсия аз таҳияи асосҳои назариявӣ ва амалии илман асоснокшуда, ҷиҳати такмили самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории кишвар бо мақсади беҳтарсозии вазъи кишоварзӣ бо дарназардошти такмили ташкили истеҳсолот иборат мебошад. Диссертант чунин навгониҳои илмиро асоснок карда, пешниҳод намудааст:

- Диссертант мавқеи муаллифии худро оид ба моҳияти иқтисодии мафҳумҳои «сармоя», «сармоягузорӣ» ва «сармоягузории соҳаи кишоварзӣ» таҳия ва асоснок намуда, онҳо бо чунин мазмун шарҳ дода шудаанд: «Сармоя» ҳамчун маҷмуи дороиҳои моддӣ ва зеҳнӣ баррасӣ мегардад, ки дар ҷараёни муносибатҳои иқтисодӣ истифода шуда, раванди такрористеҳсолкунии ҷамъиятиро таъмин менамояд ва дар баробари тавлиди арзиши изофа, қобилияти афзоиши арзиши худиро низ

доро мебошад; «Сармоягузорӣ» ҳамчун фаъолияти ҳадафноки сармоягузор дар бахшҳои гуногуни иқтисоди миллӣ дар давраи муайян фаҳмида мешавад, ки мақсади асосии он ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ ва натиҷаи иҷтимоӣ ба шумор меравад; «Сармоягузории соҳаи кишоварзӣ» ҳамчун самти дорои аҳаммияти стратегии рушди иқтисодӣ арзёбӣ мегардад, ки бо сатҳи баланди хавфҳо, ҷолибияти нисбатан паст барои сармоягузорони хусусӣ тавсиф шуда, ба дастгирии фаъоли давлатӣ ниёз дорад;

- Дар таҳқиқот методологияи такмилёфтаи арзёбии фазои сармоягузорӣ таҳия ва пешниҳод гардидааст ва тибқи он муайян карда мешавад, ки ба сатҳи ҷолибияти сармоягузории соҳаи кишоварзӣ маҷмуи даҳ омили калидӣ таъсир мерасонанд. Дар асоси ҳисобу китобҳои анҷомдода, фазои сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023 ба 36,8 хол аз 100 холи имконпазир баробар арзёбӣ гардида, дар соли 2025 то 36,9 хол каме боло меравад, аммо мувофиқи дурнамо дар соли 2030 то 35,8 хол коҳиш меёбад. Дар ҷараёни таҳқиқот нишон дода шудааст, ки омилҳои асосии коҳишёбии ҷолибияти сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзии кишвар, пеш аз ҳама, сатҳи нисбатан баланди андозбандӣ, норасоии таъминот бо захираҳои истеҳсолӣ, болоравии мунтазами арзиши захираҳои истифодашаванда дар истеҳсолот, афзоиши ухдадориҳои қарзии хоҷагиҳои кишоварзӣ, инчунин паст будани ҳосилнокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар маҳдудиятҳои сохторӣ ба ҳисоб мераванд;

- Унвончӯ дар пажуҳиш имконияти мутобиқсозии таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ барои рушди соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро асоснок намудааст. Аз ҷумла, пешниҳод мегардад, ки аз таҷрибаи ИМА дар самти тадриҷан коҳиш додани шумораи хоҷагиҳои фермерӣ ва ҳамзамон васеъ намудани масоҳати заминҳои кишоварзии онҳо истифода бурда шавад; аз таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо дар ҷалби ҷавонон ба соҳаи кишоварзӣ тавассути ҷуброни фоизи қарзҳои бонкӣ ва

пардохти кумакпулӣ ба истеҳсолкунандагоне, ки дар минтақаҳои дорои шароити номусоиди кишоварзӣ фаъолият менамоянд; аз таҷрибаи Австралия дар ҷуброни зарарҳои истеҳсолӣ аз ҳисоби фондҳои суғуртавӣ; аз таҷрибаи Исроил дар ҷуброни уҳдадориҳои қарзии хоҷагиҳо вобаста ба пардохти хизматрасониҳои обрасонӣ; аз таҷрибаи Канада дар самти пардохти фоизи қарзҳои бонкӣ ва дастгирии рушди илми кишоварзӣ; инчунин аз таҷрибаи ФР дар истифодаи сиёсати ивазкунандаи воридот ҳамчун манбаи фаъолгардонии сармоягузорӣ ба истеҳсолот дар шароити маҳдудиятҳои беруна ва таҳримҳо истифода карда шавад.

- Муаллиф модели ташаккули кластери сабзавоткориро таҳия ва пешниҳод намудааст, ки татбиқи он ба афзоиши манбаъҳои дохилии маблағгузории соҳа, аз ҷумла фоида ва фонди истеъмол мусоидат намуда, имкониятҳои сармоягузории бахши сабзавоткориро васеъ мегардонад. Татбиқи ин модел метавонад заминаи рушди устувори истеҳсолот ва афзоиши иқтидори содиротии сабзавоти ватаниро фароҳам оварда, дар дурнамо мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун кишвари истеҳсолкунанда ва содиркунандаи рақобатпазири сабзавот дар бозорҳои байналмилалӣ таҳким бахшад;

- Диссертант модели «Кооперативи сармоягузории деҳот»-ро таҳия ва пешниҳод намудааст, ки татбиқи он тавассути мутамарказ намудани маблағҳои муваққатан озоди хоҷагиҳои кишоварзӣ, захираҳои буҷети давлатӣ ва маҳаллӣ, сармояи хоҷагиҳои аҳолӣ, воситаҳои бонкӣ, грантҳои ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва дигар манбаъҳои молиявӣ имкон медиҳад иқтидори сармоягузории соҳа ба таври назаррас тақвият ёбад. Амалигардонии ин модел метавонад механизми устувори таъмини хоҷагиҳои кишоварзиро бо сармоя фароҳам оварда, ҷараёни маблағгузории фаъолияти сармоягузориро дар деҳот фаъол намояд;

- Дар диссертатсия асоснок карда шудааст, ки соҳаи кишоварзӣ ба дастгирии фаъоли давлатии қарзӣ, аз ҷумла ба қарзҳои имтиёзнок эҳтиёҷ

дорад ва яке аз роҳҳои самараноки ҳалли ин масъала татбиқи механизми қарзҳои ипотекӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин замина, пешниҳоди таъсиси бонки давлатии замин ва ташаккули бозори муназзами замин баён гардида, дурнамои манбаъҳои сармоягузории фаъолияти бонки давлатии замин то соли 2030 ҳисобу китоб шудааст. Илова бар ин, самаранокии иқтисодии истифодаи қарзҳои ипотекӣ дар мисоли бунёди сардхона бо иқтидори 1000 тонна ангур дар хоҷагиҳои кишоварзии шаҳри Ҳисор ба таври ҳисобӣ ва амалӣ исбот гардидааст.

4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияи дар диссертатсия зикршуда. Диссертант дар асоси таҳлилҳо қайд менамояд, ки хусусиятҳои фарқкунандаи фаъолияти кишоварзӣ ва вобастагии он аз вазъи обу ҳаво, замину хок, боду борон, навъи зироат ва зоти чорво, номувофиқии давраи хароҷот ва ҷамъоварии ҳосил ва ғ., ки ҷолибияти пасти соҳаи кишоварзӣ ба ҷалби сармоягузорӣ ва нақши он дар ҳалли вазифаи стратегии таъмини амнияти озуқаворӣ аст, ба этибор гирифта намешавад. Бо дар назардошти ин метавон «сармоягузории кишоварзиро ҳамчун сармоягузории ба хавфҳо мувоҷеҳи аҳаммияти стратегидошта, ки дорои ҷолибияти паст ва ба дастгирии давлатӣ ниёздошта мебошад», маънидод намудан мумкин аст (с. 28-29).

Ӯнвончӯ дар асоси таҳлили хусусиятҳои сармоягузории соҳаи кишоварзӣ қайд менамояд, ки мутаассифона, нақши стратегӣ доштани соҳаи кишоварзӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ ҳангоми сармоягузорӣ ба назар гирифта намешавад, зеро ҳиссаи он дар ташаккули Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 24,3% баробар буда, дар сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба 18,7% ва аз буҷети ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна ҳар сол 0,2 %-и ММД-и кишвар маблағ ҷудо шудааст (с. 44);

Дар диссертатсия аз тарафи унвончӯ пас аз таҳлили таҷрибаи мамолики хориҷ қайд мегардад, ки барои Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи таҷрибаи ҳамаи давлатҳои таҳлилгардида аз имкон берун аст, зеро захираҳои молиявии маҳдуд дорад, вале: - таҷрибаи ИМА доир ба тадриҷан коҳиш ёфтани шумораи хоҷагиҳои фермерӣ ва зиёд шудани

қитъаи замини онҳо ҷолиби диққат аст, зеро шумораи хоҷагиҳо дар соли 2023-юм ба 176,5 ҳаз. адад расида, ба як хоҷагии деҳқонӣ 14,6 га заминҳои таъйиноти кишоварзӣ рост меояд; - таҷрибаи Давлатҳои Иттиҳоди Аврупо дар бахши ҷалби ҷавонон ба соҳаи кишоварзӣ бо пардохти фоизи қарзҳои бонкӣ, кумакпулӣ барои истеҳсолкунандагоне, ки дар минтақаҳои нобоби кишоварзӣ истеҳсолотро ба роҳ мемонанд, барои бунёди ҷангалзор хеле муассир аст; - таҷрибаи Австралия доир ба ҷуброни зарар аз ҳисоби фонди суғурта, зеро дар Тоҷикистон пардохтҳои суғуртавӣ дар соли 2023 аз 418,1 млн. сомонӣ суғуртапулӣ танҳо 18,1 млн сомонӣ, ё 4,5%-ро ташкил медиҳад; - таҷрибаи Исроил доир ба ҷуброни қарзҳои хоҷагиҳо барои пардохти ҳаққи хизматрасонии об; - таҷрибаи Канада доир ба пардохти фоизи қарзи бонкҳо, дастгирии рушди илми кишоварзӣ; - таҷрибаи Русия доир ба истифодаи сиёсати истеҳлок, ҳамчун омили сармоягузории истеҳсолот дар шароити таҳримҳо (с. 60);

Ба андешаи муаллиф, пас аз таҳлили вазъи муосири сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар нишон дод, ки дар шароити муосир, рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро бе сармоягузории соҳаҳои хоҷагии халқ таъмин намудан имконнопазир аст, зеро дар шароити рақобатпазир набудани соҳаҳо ва маҳсулотҳои онҳо такрористеҳсолкунии васеъро таъмин намудан душвор аст. Ҷалби сармоя аз сарчашмаҳои гуногун имкон дод, ки ҳамасола ММД дар сатҳи 7,7% афзоиш ёбад. Дар ин давра сатҳи камбизоатӣ коҳиш ёфта, даромади аҳолӣ, музди меҳнат афзоиш ёфта, ҷойҳои кории нав бунёд гашта, сатҳи таваррум то 3,8% таъмин карда шуд (с. 71).

Унвончӯ ҳолати муосири ҷалби сармоягузориҳоро ба соҳаи кишоварзиро таҳқиқ намуда, қайд менамояд, ки нақши кишоварзиро дар рушди иқтисодиёти кишвар ва таъмини амнияти озуқавориро ба назар гирифта, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба имкониятҳо сармоягузории соҳаро аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо афзун намудааст. Дар сармоягузории соҳаи кишоварзӣ нақши қарзгузории бонкҳо ва

ташкилотҳои хурди молиявӣ назаррас буда, дар ин давра ҳиссаи кишоварзӣ дар сохтори қарзгузории бонкҳо аз 2,0%-и соли 2019 то 14,4%, ташкилотҳои хурди молиявӣ аз 18,3 то 18,6 банди фоизӣ афзудааст. Новобаста ба он ки ташкилотҳои молиявии хурд қарзгузориро ба соҳаи кишоварзӣ афзудаанд ва қарзи хурд ба 1 га замини кишт дар соли 2023 ба 2,94 сомонӣ баробар буд, ночиз буда, ин аз ҷолибияти пасти соҳаи кишоварзӣ шаҳодат медиҳад (с. 81-82);

Ба андешаи муаллиф, таҳлили самаранокии иқтисодии сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ нишон дод, ки соҳаи кишоварзии Тоҷикистон дар ҳолати на он қадар хуби молиявӣ қарор дорад, зеро 20% хоҷагиҳо зараровар буда, ба 100 сомонӣ маҷмуи маҳсулоти кишоварзӣ 4,9 сомонӣ ухдадориҳои қарзӣ, 3,03 сомонӣ қарзҳои кредиторӣ ва 1,23 сомонӣ қарзҳои дебиторӣ рост меояд (с. 91).

Муаллиф бехтарсозии фазои сармоягузориро самти асосии такмили сармоягузории соҳаи кишоварзӣ дониста, чунин қайд намудааст, ки дар назария усулҳои гуногуни баҳодиҳӣ фазои сармоягузории соҳаҳои хоҷагии халқ зиёд аст, ки барои ҳар кадоме нишондиҳандаҳои хол ва критерияҳои алоҳидаи баҳои он истифода мешавад. Бояд дар назар дошт, ки фазои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар СМР-2030 паст баҳо дода, Тоҷикистонро дар ин раддабандӣ ҷойи 126 муносиб диданд (с. 106);

Диссертант дар таҳқиқот пас аз таҳлилҳо таҳияи модели намунавии ташкили кооперативи сармоягузориии деҳотро пешниҳод намудааст. Мақсад аз ташкили кооперативи сармоягузории деҳот мутамарказ намудани маблағҳои аъзои кооператив ва истифодаи он барои рушди истеҳсолот ва ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар деҳот мебошад. Бино бар маҳдуд будани имкониятҳои хоҷагиҳои инфиродии деҳқонӣ (фермерӣ), кооперативҳои тиҷоратӣ, хоҷагиҳои аҳолии деҳот, ташкили чунин кооперативҳо метавонад, аз як ҷиҳат маблағҳои муваққатан озоди аъзоёни кооперативро дар як марказ ҷамъ намуда, барои рушди хоҷагиҳои кишоварзӣ ва хоҷагиҳои аҳолӣ сафарбар намояд (с. 121);

Илова бар ин, аз тарафи унвончӯ қарзҳои ипотекиро ҳамчун сарчашмаи ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ба соҳаи кишоварзӣ арзёбӣ намуда, ба шартҳои асосии рушди қарзҳои ипотекӣ ба соҳаи кишоварзӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоро асос медонад: - ташкили бонки замин ҳамчун механизми иҷрои қарзҳои ипотекӣ; - қабули қонун доир ба иҷозат додан ба ташкили бозори замин; бояд дар назар дошт, ки замин дар ҳолати пешниҳодкардаи мо моликияти истиснои давлат боқӣ монда, хариду фурӯши он танҳо байни давлат ва шахсони ҳуқуқию физикӣ амалӣ мегардад; - ба сабаби он ки мақсади асосии қарзҳои ипотекӣ ба деҳқон дастрас намудани қарзҳои ипотекии дарозмуҳлат аст, қарз имтиёзнок буда, фоизи солонаи қарз на аз 10 фоизи солона зиёд аст. Дар ҳолати гирифтани қарз ба муҳлати 2 сол фоизи қарз то 8% ва дигар 2% коҳиш меёбад. Дар сурати гирифтани қарз ба муҳлати 5 сол, фоизи қарз то 2% коҳиш меёбад; - шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки ба фонди қарзҳои ипотекӣ сармоягузорӣ менамоянд, аз андози даромад озод карда мешаванд ва фоидаи гирифтаи онҳо андозбандӣ карда намешавад; бонки замин низ аз андози даромад озод карда мешавад; - фаъолияти бонки замин суғурта карда мешавад.

5. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар инкишофи илмии самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузорӣ ва илова ба он бо воситаи коркарди ҳолатҳои медодологӣ оид ба идоракунии раванди сармоягузории рушди соҳаи кишоварзӣ, асоснок намудани мавҷудият ва ҳаматарафа истифодабарии иқтидори мавҷудбудаи рушди соҳаи кишоварзӣ ифода меёбад.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар истифодабарии самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузорӣ ҷиҳатӣ рушди соҳаи кишоварзӣ дар раванди коркарди консепсияҳо, стратегияҳо, барномаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузории соҳаи кишоварзӣ аз ҷониби ниҳодҳои давлатии Вазорати

кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин муҳақиқони ватанию хориҷии ин соҳа мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳаммияти иқтисодии таҳқиқот дар самти фаъолгардонии сармоягузории кишвар дар соҳаи кишоварзӣ, саноатикунонии босуръати иқтисодиёт тавассути механизми фаъолгардонии сармоягузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ бо ҷалби бештари сармоягузориҳои ватанӣ ва хориҷӣ, идоракунии рушди фаъолияти корхонаҳои соҳаи кишоварзӣ бо истифодаи технологияи пешқадам ва дигарон асос меёбад.

Натиҷаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ба дастовардашудаи тадқиқоти диссертатсионӣ дар ҷараёни таълим барои омода намудани бакалавр, магистрон ва докторантон, барои хондани фанҳои махсус, ба монанди Сармоягузорӣ, Иқтисодиёти кишоварзӣ Асосҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар истифода шуданаш мумкин аст.

6. Нашри натиҷаҳои таълифоти натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ. Натиҷаҳои диссертатсия дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 9 адад мақолаи илмии дар дигар нашрияҳо чопшуда инъикос ёфтаанд.

Мутобиқи мақсади гузошташуда ва масъалаҳои тадқиқот нақшаи кори диссертатсионӣ мураттаб гаридааст, ки он аз сарсухан, 3 боб, 9 зербоб, хулосаю пешниҳодҳо, рӯйихати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Диссертатсия дар 170 саҳифаи компютерӣ чоп шуда, дар он 54 ҷадвал ва 6 расм оварда шудааст.

7. Мутобиқати тахассуси илмии шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ба ихтисосе, ки онҳо ба он довталабанд. Тахассуси илмии Абдуалимов Фазлиддин Ҷамолиддинович довталаби дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба ихтисоси 08.00.04.02 - Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мутобиқат мекунад.

8. Мутобиқати диссертатсия ва автореферати он ба талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ". Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Шиносномаи фехристи ихтисосҳои тасдиқнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.20221) аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мутобиқат мекунад.

9. Саҳми шахсии довталаб дар иҷрои таҳқиқоти илмӣ. Саҳми шахсии муаллиф дар анҷом додани таҳқиқот дар муайян намудани мақсад ва вазифаҳои илмӣ, асоснок намудани моҳияти назариявии мафҳуми сармоягузорӣ, исботи зарурати мутобиқсозии таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар соҳаи сармоягузории кишоварзӣ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин таҳияи самтҳои афзалиятноки такмили низоми сармоягузории соҳаи кишоварзӣ ифода меёбад. Илова бар ин, аз ҷониби муаллиф моделҳои институтсионалӣ, аз ҷумла кооперативҳои қарзӣ, кластери истеҳсолӣ ва механизми истифодаи қарзҳои ипотекӣ таҳия ва пешниҳод гардидаанд.

10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Диссертатсияи Абдуалимов Фазлиддин Ҷамолиддинович дар мавзуи «Самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) (минбаъд-Тартиб) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби

дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оид ба Тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, № 3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

11. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб оид ба диссертатсия. Дар баробари ҷанбаҳои мусбии болозикр, ба андешаи мо, диссертатсияи тақризшаванда дорои якчанд норасогию пешниҳодҳо мебошад, ки аз инҳо иборатанд:

1. Дар кори диссертатсионӣ таҳлили лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти кишоварзӣ дида мешавад, аммо ба манфиати рисолаи илмӣ мебуд, агар муаллиф лоиҳаҳои сармоягузории самти кишоварзии дар доираи "Барномаи сармоягузориҳои давлатӣ барои солҳои 2021-2025"-ро, истифода аз усулҳои гуногуни баҳодиҳии лоиҳаҳои сармоягузориро таҳлил ва самаранокии онҳоро хулосабарорӣ менамуд;

2. Дар таҳқиқот ба таври ҷузъӣ чораҳои мушаххас оид ба такмил ва самаранокии тақсими даромад аз ҷалби сармоягузориҳо нишон дода нашудааст;

3. Диссертант ба масъалаи фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзӣ бараъло таҳлилҳо гузаронидааст, бо вуҷуди ин, дар таҳқиқот масъалаи таваккал, хавфҳои иқлимии сармоягузорӣ, ки барои сармоягузории кишоварзӣ муҳим аст, ба таври кофӣ инъикос наёфтааст;

4. Диссертант дар раванди омӯзиши самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузорӣ самти кишоварзиро таҳлил намудааст, аммо алоқамандии онро, вобаста ба иҷрои бандҳои "Барномаи амнияти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2024" хулосагирӣ накардааст.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар метавон гуфт, ки диссертатсияи илмии Абдуалимов Фазлиддин Ҷамолиддинович ба камбудиҳои номбар кардашуда нигоҳ накарда, дар сатҳи зарурӣ омода карда шудааст ва аз ҷиҳати мазмун мутобиқи талаботҳои мавҷуда мебошад.

12. Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия. Умуман, диссертатсия дар мавзуи «Самтҳои асосии фаъолгардонии сармоягузории соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ тартиб дода шудааст, ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илми, ки бо (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) тасдиқ карда шудааст, мувофиқат менамояд. Диссертатсия кори илмии асосноқгардидаи баитмомрасида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳаммияти соҳавидошта ба шумор рафта, муаллифи он Абдуалимов Фазлиддин Ҷамолиддинович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

Мукарризи расмӣ:
Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
ректори МД «Донишкадаи байналмилалии
Данғара»-и МД Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Сафозода А.К.

Имзои Сафозода А.К.-ро тасдиқ мекунам:
Мутахассиси пешбари шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишкадаи байналмилалии
Данғараи Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон Шарипова Ф.

Сурога: *735320, ноҳияи Данғараи вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Исмат Шарифов 3, www.dbd.tj; E-mail: safoev@list.ru; Тел: (+992) 907733247*

09.02.2026